# ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Заминаҳои таърихӣ-тамаддунӣ, ҳолати қонунӣ ва дурнамои рушди ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муқовимат ба таҳдиду хатарҳои глобалӣ» ва ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи доктории Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон бахшида шудааст. Таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик дорои меъёрҳои зиёди пурарзиш мебошад ва омӯзишу таҳлили онҳо аз ҳар ҷиҳат метавонад дар беҳтар гардонидани танзими муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дар замони муосир таъсиргузор бошад, аз ин лиҳоз ташаккул ва

рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ҳамчун мавзуи муҳим мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқотҳои илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ ба ташаккул ва инкишофи ҳукууқи оилавии тоҷикон диққати дахлдор дода нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқоти гузаронидаи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур маҳз бо мақсади ҳалли мушкилиҳои мавҷуда дар ин самт ва равшан намудани саҳифаҳои норавшани таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик бахшида шудааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи оилавии тоҷикони решабатаърих яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ мебошад.

Унвонҷӯ-докторант вазифаҳои таҳқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муайян менамоянд, возеҳу равшан тартиб додааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисораҳо, муқаддима, 5 боб ва 14 зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳар як зербоб масъалаҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи илмии он дар адабиёти илмӣ тавсиф, алоқамандии таҳқиқот бо дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навоварии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ гардидаанд.

Ҳамзамон, дар ин қисмат аз ҷониби муаллиф аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ дарҷ гардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудааст. Инчунин

интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд (С. 5-34).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ҳамчун падидаи мустақили таърихӣ-ҳуқуқӣ, дар робитаи зич бо анъанаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва давлатдорӣ, ба таври мукаммал ва низомнок таҳқиқ гардидааст.

Навгониҳои асосии илмии диссертатсия аз инҳо иборатанд:

1. Бори аввал рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи халқи тоҷик ба таври даврабандии илмӣ (давраи бостон, асрҳои миёна, давраи ҳуқуқи исломӣ, давраи ҳуқуқи шуравӣ ва давраи муосир) таҳлил гардида, хусусиятҳои ҳар як марҳила муайян карда шудаанд.

2. Дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, осори мутафаккирон, меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ (урфу одат), ҳуқуқи исломӣ ва санадҳои меъёрии давлатӣ нақши онҳо дар ташаккули институтҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ (никоҳ, талоқ, хешутаборӣ, масъулияти падару модар ва фарзандон) ошкор карда шудааст.

3. Мафҳуми «ҳуқуқи оилавии анъанавии тоҷикон» ҳамчун категорияи илмӣ пешниҳод ва асоснок карда шуда, ҷойгоҳ ва аҳамияти он дар низоми умумии таърихи ҳуқуқи миллӣ муайян гардидааст.

4. Муносибати байни ҳуқуқи исломӣ ва ҳуқуқи одатӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеаи тоҷикон ба таври муфассал таҳлил гардида, омилҳои ҳамгирой ва ихтилофи онҳо муайян карда шудаанд.

5. Таъсири сиёсати ҳуқуқии давлати шуравӣ ба тағйирёбии мазмун ва шакли муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистон бори аввал дар заминаи таҳлили муқоисавӣ нишон дода шудааст.

6. Дар асоси таҷрибаи таърихӣ роҳҳои истифодаи унсурҳои мусбати анъанаҳои миллӣ ва таълимоти таърихии ҳуқуқи оилавӣ дар такмили қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Мавзуе, ки диссертант мавриди омӯзиш қарор дода, ҳамчун таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои назаррас расидааст метавонад дар рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, махсусан, таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон мусоидат намояд. Маврид ба зикр аст, ки масъалаҳои гуногуни дар доираи мавзуъ таҳқиқгардида, барои рушди дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ низ аҳамияти муҳим доранд. Таҳлили нахустсарчашмаҳо, назару андешаҳои муҳаққиқон, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, бо асосҳои муътамад ҷонибдорӣ намудан ва инкор намудани ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъ, мавқеи мустақил доштан дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи фароҳ аз маводҳои илмӣ, истифодаи моҳиронаи сарчашмаҳои миллӣ ва байналмиллалӣ, бо далелҳои муътамад асоснок намудани нуктаҳои илмӣ, тавсияҳои дорои хусусияти амалӣ ва дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, аз асоснок ва эътимоднок будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешбинигардида шаҳодат медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот ба омӯзиши мукаммал ва низомноки ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологии масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқот ҳуқуқи оилавӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқии дорои

заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва давлатдорӣ баррасӣ гардида, ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми умумии таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон аз нав арзёбӣ шудааст. Ин равиш имкон дод, ки робитаи мутақобилаи ҳуқуқи одатӣ, ҳуқуқи исломӣ ва қонунгузории давлатӣ дар раванди ташаккул ва рушди институтҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва асоснок карда шавад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба такмили мафҳуму категорияҳои назариявии марбут ба ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқ мусоидат намуда, заминаи методологии таҳқиқоти минбаъдаро дар соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, инчунин таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ғанӣ мегардонанд. Хулосаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки рушди ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун раванди таърихии пайдарпай ва муттасил, ки таҳти таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ қарор доштааст, амиқтар фаҳмида шавад. Аз ин ҷост, ки натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи консепсияҳои илмии нав оид ба рушди ҳуқуқи миллӣ ва нақши анъанаҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи муосир аҳамияти назариявии муҳим доранд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ва тадриси фанҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқӣ васеъ истифода шаванд. Маводи илмии диссертатсия барои такмили курсҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат», «Ҳуқуқи оилавӣ» ва дигар фанҳои махсуси ҳуқуқшиносӣ хизмат намуда, инчунин метавонанд ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, барномаҳои фаннӣ ва маводи методӣ барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантон ба кор бурда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан дар самти ҳуқуқи оилавӣ, аҳамияти амалӣ доранд. Омӯзиши таҷрибаи таърихии танзими

муносибатҳои оилавӣ метавонад ба ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба оила, таҳкими арзишҳои миллӣ ва фарҳангии оиладорӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти ҳуқуқии аъзои оила мусоидат намояд. Дар ин замина хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, сохторҳои иҷтимоӣ ва дигар ниҳодҳое, ки бо масъалаҳои оила ва ҳифзи ҳуқуқи аъзои он сарукор доранд, истифода шаванд.

Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва такмили қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Бо дарназардошти таҷрибаи таърихии рушди ҳуқуқи оилавӣ ва унсурҳои мусбати анъанаҳои миллӣ, хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ гардонидани он ба талаботи ҳуқуқи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин таҳияи сиёсати ҳуқуқии давлатӣ дар соҳаи оила ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак нақши муҳим бозанд.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашриёҳои илмӣ.** Мухтавои асосии диссертатсияи Аминзода Абдурразоқ Худойшукур дар бисту ҳашт мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла нуздаҳ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва нӯҳ мақола дар нашриёҳои дигари илмӣ чоп шудаанд. Инчунин, муқарраротии асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон вобаста ба мавзуъ ду монография ба чоп расонида шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб ва чордаҳ зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо ва рӯйихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Боби 1-уми диссертатсия «Ташаккул ва рушди институтҳои ҳуқуқи оилавӣ дар аҳди бостон ва фарҳанги ҳуқуқии зардуштия»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад ва дар онҳо масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ ва ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: махсусият ва вижагиҳо, муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқии бостон, танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба бастани никоҳ ва ташаккули оила дар ҳуқуқи зардуштӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд.

**Зербоби якуми боби якум «Муносибатҳои оилавӣ ва ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: махсусият ва вижагиҳо»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаи қонуни айнияти мантиқӣ, ки тибқи он ҳар як мафҳум, падида ва ҳодисаи таҳқиқшаванда бояд бо маънии айнияти худ дар рафти таҳқиқот дарк ва ҳазм карда шавад, объекти таҳқиқот, ки аз муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ташкили оила ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ иборат мебошад, риояи принсипи таърихият ва аҳамияти он дар таҳқиқи мавзуҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Дар зербоби дуюми боби якум «Муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқии бостон»** таҳлил шакл ва намудҳои никоҳ, ки дар аҳди бостон вуҷуд дошт муайян гардидааст.

Муаллифи диссертатсия дар асоси адабиётҳои илмӣ панҷ навъи никоҳ ва оиларо, ки дар аҳди бостон вуҷуд доштанд ошкор намуда, вазъи ҳуқуқии тарафҳои никоҳро дар он таҳлил кардааст, ки онҳо аз навъҳои зерин иборат мебошанд: а) оилаи пуналуалӣ, ки дар никоҳи гурӯҳи мардон қарор доштани гурӯҳи занонро ифода мекунад ва дар бештари ҳолатҳо гурӯҳи занони дар никоҳ қарордошта бо ҳамдигар хешу

табор буданд; б) оилаи синдиасмӣ ё ҷуфтӣ, ки ҳамзистии ноустувори зану мард буда, асосан муддати дароз давом намекард; в) оилаи патриархалӣ. Он ба никоҳи як мард бо якчанд зан, ки одатан бо гӯшанишинии занон алоқамандии зич дошт, асос ёфта буд; г) оилаи якканикоҳӣ (моногамӣ). Он ба никоҳи ҷуфтҳои алоҳида бо ҳамзистии ҳатмӣ асос ёфта буд; д) оилаи хешони хунӣ, ки ба никоҳи зану марди бо ҳам хеши хунӣ буда ифода меёфт.

**Дар зербоби сеюми боби якум «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба бастани никоҳ ва ташаккули оила дар ҳуқуқи зардуштӣ»** Муаллиф қайд менамояд, ки дар салтанати Сосониён ба бастани никоҳ диққати зиёд медоданд ва ҳатто барои қишри камбизоат давлат кӯмаки моддӣ мерасонид, то ки тавонанд онҳо низ ақди никоҳ банданд. Дар чунин кор метавон нақши Хусрави Анушервонро махсус таъкид намуд, зеро ӯ духтарҳои камбизоат ва бепарасторро аз ҳисоби давлат ба шавҳар медод ва ба аҳолии камбағал ба қадри имкон кумак мерасонд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки ҳуқуқи интохоби ҳамсар, албатта, ба маънои таърихиаш на ба маънои имрӯзааш, дар ҳамон даврони гузаштаи дур яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт. Дар замони муосир ин амал боиси устувор (агар никоҳшавандаҳо ҳамсарро худошон интихоб намуда бошанд) ё заиф (агар дар интихоби ҳамсар шахсони сеюм таъсир расонида бошанд) гардидани оилаҳо мегардад. Ба эҳтимоли қавӣ дар он рӯзгор субъектони оила ба ин ҷанбаи никоҳ диққати ҷиддӣ дода, ин амалро ҳамчун одати қадима иҷро мекарданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ҳаққи интихоби ҳамсар ба духтару писар баробар набуда, ин ҳуқуқи духтарон бештар маҳдуд мегардид. Ин ҳуқуқи ҷавонон асосан дар доираи табақа ва дин маҳдуд шуда, инчунин дахолати падару модар ва вазъи саломатии онҳо дар маҳдуд гардидани ҳуқуқи онҳо ба интихоби ҳамсар нақши хеле бориз дошт.

**Боби дуюми диссертатсия «Намудҳои никоҳ ва талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва масъалаҳои танзими ҳуқукии фарзандхондӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад, дар доираи он шаклҳо ва намудҳои никоҳ, талоқ ва оқибати ҳуқуқии онҳо дар аҳди зардуштӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии фарзандхондкунанда ва фарзандхондшаванда таҳлил гардида, мақсад ва тартиби фарзандхондӣ муайян карда шудаанд (С. 78-114).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ба кадоме аз тарафҳо тааллуқ доштани ҳуқуқ ба талоқ масъалаи баҳснок ва яке аз мушкилиҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, метавонад ба вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар муносибатҳои оилавӣ таъсири худро расонад. Ба назари муаллиф муҳаққиқоне, ки низоми ҳуқуқи зардуштиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додаанд бар он назаранд, ки дар ин низоми ҳуқуқӣ ҳам зан ва ҳам мард ҳуқуқи додани талоқро доранд, аммо омӯзиши асарҳои онҳо нишон медиҳад, ки ин муҳаққиқон танҳо ҳуқуқ ба талоқ доштани подшоҳзанро пешбинӣ кардаанд. Оиди ҳуқуқ ба талоқ доштани подшоҳзан мо бо ин муҳаққиқон комилан ҳамфикрем ва далели ин ҳатто дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии то замони мо омада расида чун аҳдномаи никоҳи суғдӣ дида мешавад, аммо наметавон ин ҳуқуқро ба ҳамаи занони зардуштӣ нисбат дод, зеро занони дар дигар намуди никоҳ қарордошта ба маҳдудиятҳои зиёди ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ буданд (С. 87-88).

**Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои мафҳум ва шакли никоҳ тибқи низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, маҳрамҳо, яъне нафароне, ки наметавонанд бо ҳамдигар ақди никоҳ банданд ва вазъи ҳуқуқии онҳо, оқибатҳои ҳуқуқии талоқ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар нисбат ба якдигар мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд (С. 114-187).

**Зербоби якуми боби сеюм «Мафҳум ва шакли никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ»** номгузорӣ гардида, дар он асосан сарчашмаҳои ҳуқукие, ки

никоҳро муқаррар ва танзим менамоянд мавриди омӯзиш қарор дода шуда, сарчашмаи пайдоиш, мафҳум ва шакли никоҳ муайян карда шудааст (С. 114-152).

Муаллиф бо назардошти сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ ва бо такя ба таърифҳои никоҳ, ки аз ҷониби мутафаккирон дода шудааст чунин мафҳуми никоҳро пешниҳод менамояд, ки аз ҳар ҷиҳат кобили қабул аст: «Никоҳ созишест, ки байни марду зан баста шуда, амали шаҳвониро раво мегардонад, дар асоси ризоияти тарафҳо барои ташкили оила ва қонунигардонии кӯдак баста мешавад. Никоҳ мардро уҳдадор месозад, ки занро таъмин намояд, занро водор месозад, ки ба мард хизмат кунаду мутеи ӯ гардад. Билохира, никоҳ дар асоси риояи талаботи пешбинишудаи шариат баста мешавад». Муаллиф дуруст кайд менамояд, ки низоми ҳукуқи мусулмонӣ никоҳро на чун ҳукук , балки ҳамчун уҳдадорӣ муқаррар намудааст ва ҳар як мусулмони болиғу солимро зарур аст, ки акди никоҳ баста, оила барпо намояд, зеро ин беҳтарин шакли ҳамзистии инсоният аст (С. 117).

**Зербоби дуюми боби сеюм ба масъалаи «Вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо дар бастани никоҳ ва оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда»** бахшида шуда, дар доираи он вазъи ҳуқуқии нафароне, ки наметавонанд бо сабаби маҳрам будан бо якдигар акди никоҳ бандад муфассал таҳлилу таҳқиқ гардида, талоқ ва оқибатҳои ҳуқуқии он вобаста ба шароити талоқдиҳанда муайян карда шудааст (С. 152-175).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки бо бастани никоҳ инсонҳо бо ҳамдигар маҳрами сababӣ мегарданд, ки онро маҳрамҳои бо мусораҳат (домодӣ) низ меномаңд. Ба назари муаллиф касоне, ки бо сабаби никоҳ маҳрами абадӣ мегарданд аз инҳо иборат мебошанд: 1) модари зан (хушдоман); 2) духтари зан дар сурате, ки бо модараш ҳамбистарӣ карда бошад; 3) зани падар (моиндар); 4) зани писар (келин) (С. 158).

**Зербоби сеюми боби сеюм «Ҳуқуқу ухдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи исломӣ»** номгузорӣ гардида, ҳуқуқу ухдадориҳои ҳамсарон дар муносибатҳои оилавӣ тибқи хуқуқи исломӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муаллиф доир ба ҳуқуқи муштарак байни зан ва шавҳар назари ҷолиби диққат дорад. Ба андешаи ӯ дар баробари ҳуқуқи мард бар зан ва ҳуқуқи зан бар шавҳар ҳуқуқи муштарак байни онҳо вуҷуд дорад, ки онҳо иборатанд аз: а) ҳаққи истимтоъ; б) ҳаққи эҳтироми хешовандӣ; в) ҳаққи мерос бурдан аз якдигар; г) ҳаққи муносибати нек (С. 177).

**Боби чоруми диссертатсия «Рушди ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ»** номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва хусусиятҳои он, мафҳуми никоҳ, шартҳои бастани он, асосҳои қатъ гардидани никоҳ, инчунин танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ ва уҳдадориҳои алиментдиҳӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ таҳқиқу таҳлил гардидааст (с. 188-233).

Доир ба хусусияти сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ диссертант дуруст қайд менамояд, ки хусусияти позитивӣ-давлатӣ доштани сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавии РССТ – ро таъкид намудан бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад, зѐро то ин давра, мо, тоҷикон дар асоси низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ зиндагӣ намуда, асосан бо сарчашмаҳои характери динидошта муносибатҳои худро танзим менамудем. Яке аз хусусиятҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ тавассути қонунгузории давлатӣ дар РСС Тоҷикистон дар он буд, ки чунин муносибатҳо бевосита пас аз қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор ва ташкили мақомотҳои махсуси ваколатдори давлатӣ, ки амалигардонӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии оилавиро таъмин менамуданд, мавриди танзим қарор дода мешуданд ва то ин давра муносибатҳои бо меъёрҳои динӣ танзимгашта эътироф карда мешуданд (С. 201).

**Боби панҷуми диссертатсия «Ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: хусусиятҳои рушд ва аломатҳои нави танзими ҳуқуқӣ»** ном дошта, дар доираи он ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ ва танзимии ҳуқуқии он, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар нисбат ба фарзандон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (С. 246-305).

Муаллиф доир ба бастани аҳдномаи никоҳ дуруст қайд менамояд, ки аҳдномаи никоҳ метавонад ҳам то никоҳ ва ҳам баъд аз никоҳ баста шуда, муносибатҳои молумулкии ҳамсаронро, чӣ дар давраи дар никоҳ будани онҳо ва чӣ баъд аз бекор намудани никоҳ, танзим намояд. Аҳдномаи то никоҳ басташуда баъд аз ба расмият даровардани ақди никоҳ дар мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад, агар тарафҳо никоҳи худро ба расмият надароранд аҳдномаи никоҳи бастаи онҳо ягон хел оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад (С. 270).

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мураттабгашта вобаста ба мавзуи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад, аз** ҷумла:

1. Муаллиф дар нуктаи шашуми ба ҳимоя пешниҳоднамудаи худ доир ба масъалаи нафароне, ки тибқи талаботи ҳуқуқи мусулмонӣ наметавонанд бо ҳамдигар ақди никоҳ банданд чунин қайд намудааст: «Ҳуқуқи исломӣ никоҳро бо маҳрамҳои насабӣ, сababӣ ва разоъӣ манъ намуда, бастани ақди никоҳро бо хешони наздик рад кард. Ин ҳолат аз як ҷониб, анъанаи бартарии никоҳ бо хешони хуниро, ки аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ сарчашма мегирифт аз байн бурда бошад, аз ҷониби

дигар, ба ташкили оила дар фазои созгори маънавӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ шароит муҳайё намуда, заминаи воқеӣ барои бунёди оилаи нав ва аз назари ҷисмонӣ солим гузошт. Дар замони муосир дастовардҳои охирини илмҳои тиб, ҳуқуқ, сотсиология, ахлоқ ва ғ. афзалияти никоҳ бо бегонагонро исбот менамоянд ва ҳамзамон таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки никоҳ бо хешони наздик оқибатҳои нохушоянди зиёде чун безуриётӣ ва тавлиди фарзандони носолимро дорад». Мо ин назари муаллифро пурра ҷонибдорӣ менамоем ва он сазовори дастгирист, вале баъзе масъалаҳо дар он барои хонанда номаълум боқӣ мондаанд ва ба назари мо мушаххас намудани онҳо аҳамияти муҳим доранд. Масалан, муаллиф қайд кардааст, ки ҳуқуқи исломӣ никоҳро бо маҳрамҳои насабӣ, сабабӣ ва разоъӣ манъ намуда, бастани акди никоҳро бо хешони наздик рад кард. Вале нишон надодааст, ки ба махрамҳои насабӣ, сабабӣ ва разоъӣ киҳо дохил мешаванд ва кӣ хеши наздик ба ҳисоб меравад.

2. Муаллиф андешаи худро оид ба моликияти муштараки зану шавҳар ҳисоб намудани ашёҳои ёфташуда баён намуда, чунин андешаронӣ менамояд: «Ба назари мо ашёҳои ёфташуда ба истиснои ашё барои истифодаи шахсӣ ва маблағи аз ҳисоби подоши ганҷина бадастомада молу мулки муштараки ҳамсарон ба ҳисоб мераванд. Новобаста аз он, ки ашё то никоҳ ё баъди бастани акди никоҳ ёфта шудааст, моликияти муштараки ҳамсарон мебошад, агар ҳуқуқи моликиятӣ ба он баъд аз бастани акди никоҳ пайдо шавад. Масалан, шаҳрванд «А» ашёро ёфт ва пас аз панҷ моҳ бо шаҳрванд «Б» акди никоҳ баст. Аз рӯзи ёфтани ашё шаш моҳ ва аз рӯзи бастани акди никоҳ як моҳ гузашт ва шаҳрванд «А» ба ашё ҳуқуқи моликиятӣ пайдо намуд, ин ашё моликияти муштараки онҳо мебошад» **(саҳ. 257)**. Ба назари мо ин масъала баҳснок мебошад, зеро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ рӯзи ёфтани ашё дорои аҳамияти ҳуқуқӣ аст ва метавон аз рӯи ин қоида ашёи ёфташударо моликияти шахсии ҳамсаре донист, ки онро ёфтааст.

3. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муаллиф дар баробари ҷабҳаҳои зиёди мусбӣ баъзе масъалаҳои баҳснок низ доранд, аз ҷумла, муаллиф доир ба рӯёнидани алимент аз падару модар ба фарзандони ноболиғ пешниҳод менамояд, ки «Азбаски рӯёнидани алимент бо фоиз аз маош ва даромади дигар бо зиёд шудани шумораи фарзандон сабаби кам шудани андозаи он мегардад, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба моддаи 81 Кодекси оила тағйирот ворид намуда, рӯёнидани алимент аз падару модар барои фарзандони ноболиғ бо фоиз аз маош ё даромади дигари мунтазам, ки барои як фарзанд чоряк, барои ду фарзанд сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он – нисфи музди меҳнат ва даромади дигари падару модар мебошад бекор карда шуда, алимент барои фарзандони ноболиғ танҳо ба тариқи устувор ва барои ҳар як фарзанд ба андозаи аз ду то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад». Албатта, ин пешниҳоди муаллиф назари тоза дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, ҷолиби диққат аст ва метавонад бисёре аз мушкилиҳои рӯёнидани алиментро аз байн барад (пинҳон намудани андозаи даромади доимӣ ё маош), аммо ба назари мо ин пешниҳод ҳамзамон баҳснок мебошад, зеро дар сурати зиёд будани фарзандон алиментсупоранда аз ҷиҳати молиявӣ метавонад дар бештари ҳолатҳо имкони пардохи маблағи алиментро надошта бошад.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти баҳснок дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи Аминзода Абдурраззок Худойшукур мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳкикоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки пешниҳод, хулоса, тавсияҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия ифроз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намоянд.

**Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия.** Автореферат ба мухтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷумла, мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Диссертатсияи мазкур, дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» аз мазмун ва моҳият фарогири масъалаҳои гуногун мебошад. Аз ин лиҳоз, тамоми вазифаҳо ва мақсадҳое, ки дар назди таҳқиқоти мазкур гузошта шуда буданд, ба пуррагӣ аз усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда ҳалли худро пайдо намудаанд ва ин имконият медиҳад, то ки мо таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Абдурраззоқ Худойшукурро ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии анҷомёфта эътироф намоем.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ хусусан таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи инсон мусоидат хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур, пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, соҳаҳои дигари илмҳо, хусусан илмҳои

ҳуқуқшиносӣ мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як қатор масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзуи таҳқиқот нақши муҳимро мебозад.

Ҳамзамон, хулоса, тавсияҳо, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, махсусан қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд. Инчунин, маводи диссертатсияро ҳангоми таълими фанҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, таълиф намудани рисолаҳои илмӣ васеъ истифода намудан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, профессори кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Муҳаммадиев И. С.**

Суроға: 735800, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бӯстон, к. Ф. Ниёзӣ 10
Тел.: (+992) 927700021 E-mail: izatullomuhammadiev@gmail.com

**Имзои И. С. Муҳаммадиевро**
**тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ **Бобоев А.Х.**

Суроға: : 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳ. 17
хонаи №1 Телефон: (+992 -34) 22-23-811 E-mail: sh-kadr@tgu.tj
«06» 03 2026с.